**Протоколи №25-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-117-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 4-уми июли соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар, 4 аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

**Раиси шуро:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "2"-юми феврали соли 2026, №53/шд тасдиқ шудааст, 15 иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чи пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи **Раънои Камолиддин** дар мавзуи **"Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Раънои Камолиддин** ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ Соҳибназарзода Ҳавасмоҳ Тилло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Раънои Камолиддин** ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Раънои Камолиддин** дар мавзуи **"Вижагиҳои лингвофарҳангии лексикаи лаҳзаҳои шабонарӯзӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар мисоли "Шоҳнома"-и Абулқосим Фирдавсӣ ва тарҷумаҳои он)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ.

– **Ҷамшедов Парвонахон** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

– **Нағзибекова Меҳринисо Бозоровна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.